# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD) – ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050900 – МОЛИЯ (6D050901 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ)

**Парвандаи аттестатсионии №________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 31.08.2024, протоколи № 82**

Барои сазовор донистани Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), санаи 6 апрели соли 2024, бо суратмаҷлиси №77 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2024 таҳти № 174/шд таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 феврали соли 1995 таваллуд шудааст. Соли 2013 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси андоз ва андозбандӣ дохил шуда, соли 2018 онро бомуваффақият хатм намудааст. Солҳои 2018-2020 дар магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ таҳсил намудааст. Соли 2020 ба докторантураи (PhD)-и кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 бомуваффақият хатм намудааст (Транскрипти № 88 аз 09 сентябри соли 2023.)

Аз сентябри соли 2023 то моҳи апрели соли 2024 сармутахассиси Раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз моҳи апрели соли ҷорӣ то инҷониб дар вазифаи сардори Раёсати инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Халифазода Саидаҳтам** - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ Қурбонов А.Р. навишта шудааст, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи андоз ва андозбандӣ санаи 13 августи соли 2024, суратҷаласаи №1 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Х.Х. 13 августи соли 2024 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки дар маҷмуъ кори диссертатсионӣ, пажӯҳиши мубрами рӯз буда, таҳқиқоти ҷиддӣ ва анҷомдодашуда ҳисобида мешавад, ки саҳми мустақилияти муаллифро дар ҳалли масъалаҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасонидаи докторанти доктор фалсафа (PhD) таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳимми мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодҳо, аҳаммияти таҳқиқот барои илми иқтисодӣ ва амалияи андозбандӣ гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор аст.

Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 14 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 9,88 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст, ки фарогири ҳамаи бахшҳои диссертатсия мебошанд. Баъзе пахлуҳои мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

[1]. Раҷабов Т.С. Таҳаввулоти назариявии гаронии андоз / Т. С. Раҷабов, И. Р. Иброҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №2(31). – С. 27-35.

[2]. Раҷабов, Т. С. Асосҳои методии идоракунии механизмҳои самаранокии гаронии андоз / Т. С. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1-1(107). – С. 295-304.

[3]. Раҷабов Т.С. Таҷрибаҳои хориҷии идоранамоии гаронии андоз / С.Т. Раҷабов, Р.И. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 5-14.

[4]. Раҷабов Т. С. Асосҳои институтсионалии идоранамоии гаронии андоз дар ҶТ / Т. С. Раҷабов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №4(84). – С. 242-255.

[5]. Раҷабов Т. С. Мушкилоти танзими гаронии андоз дар ҶТ / Т. С. Раҷабов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-3(65). – С. 184-193.

[6]. Раҷабов Т.С. Асосҳои назариявии воридоти андозҳои мустақим ва ғайримустақим/ С.Т. Раҷабов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ» Душанбе, 17.02.2021. – С. 296-301.

[7]. Раджабов Т. С. Налоговое бремя в рыночной экономике / Т.С. Раджабов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года / Под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. – Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство «Ариал», 2021. – С. 567-569.

[8]. Раджабов Т.С. Таҷрибаи идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидории Ҷумҳурии Мардумии Чин ва имконияти истифодаи он дар таъмини рушди минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар / Т.С. Раджабов, Эраҷи Д, Н.М. Ҷураева, Ф.И. Исматов // Материалы IV Международной научно-практической конференции «Наука и технологии» Алматы 2022. – С. 261-266.

[9]. Раджабов Т.С. Налоговое бремя на финансово-хозяйственную деятельность предприятия / Т.С. Раджабов // Научный сборник (108):

Материалы 5-й Международной научно–практической конференции на тему «Эксперементальные и теоретические исследования в современной науке» Кишинев, Молдова, 2022. – С. 35-42.

[10]. Раджабов Т.С. Цифровые зарубежные опыты и внедрения технологий в систему налогообложения / Т.С. Раджабов, Дж.Ф. Касирова, С.М. Курбонова, Э. Дилнавоз // Научное сообщество: междисциплинарные исследования, (110): Материалы 5-й Международной научно–практической конференции на тему «Эксперементальные и теоретические исследования в современной науке» Германия – 2022. – С. 61-67.

[11]. Раджабов Т. С. Уровень налогового бремени на примере подоходного налога для юридических лиц в иностранных странах / Т. С. Раджабов // Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики: Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У, Душанбе, 21–23 мая 2022 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С. 351-355.

[12]. Раджабов Т. С. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / Т. С. Раджабов, А. Ф. Исматов, Д. Эраджи // Новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 15-19.

[13]. Раджабов Т. С. Налоговое бремя производственного предприятия: методика определения / Т. С. Раджабов // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 307-313.

[14]. Раҷабов Т. С. Моҳият ва аҳаммияти низоми андоз, мафҳуми гаронии андоз / Т. С. Раҷабов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо», Душанбе, 30 октябри соли 2023 – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – С. 314-319.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

**1. Мирзоев Баходур Рустамович** – муовини декани факултети гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои иқтисодӣ бо чунин эрод:

- ҳангоми таҳлили асосҳои назариявию методии танзими гаронии андоз аз таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз мавриди таҳқиқ қарор додааст, аммо тавсияҳо вобаста ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ барои рушди танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар мерасад.

**2. Бобозода Шариф Қаноатшо** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- дар диаграммаи 3 (саҳ.20) қарзҳои андозӣ бо назардошти ҷарима ва фоизҳо нишон дода шудааст, вале хуб мебуд роҳҳои коҳиш додани қарзҳои андозӣ баён мегардид, зеро татбиқи пешниҳодҳои мазкур баҳри баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон заминагузор хоҳад буд;

- аз натиҷаи табақабандии ҳиссаи воридоти андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ дар ММД муайян намудан душвор аст, ки сатҳи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар кадом сатҳ қарор дорад.

**3. Хайрзода Шукрулло Курбоналӣ** – д.и.и., дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эрод:

- дар автореферат агар ягон нақша оид ба назари олимони ватанӣ дар мавриди ташхиси мафҳуми гаронии андоз пешниҳод мешуд, сифати он боз ҳам хубтар мегардид.

**4. Пиризода Ҷалил Сафар** – д.и.и., профессор, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо чунин эрод:

- муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиши уҳдадориҳои андозсупорандагон бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба фаъолияти мунтазам ва дуруст, инчунин коҳишёбии сатҳи гаронии андоз дар андозсупорандагон оварда мерасонад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои андоз ва андозбандӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- *коркард карда шуд:* самтҳо ва роҳҳои танзими гарони андоз, ки ҳам ба манфиати давлат ва ҳам ба манфиати андозсупорандаҳо, инчунин шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мебошад. Аз он ҷумла, бунёди низоми самараноки танзими андоз ва рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат аз ҳисоби кам кардани хароҷоти давлат оид ба ситонидани андоз, дастгирии соҳибкории хурду миёна бо истифода аз имтиёзҳои гуногуни андоз, аз андозбандии дукарата ва меъёри баланди андоз ҳифз намудан иборат аст;

*-пешниҳод шудааст,* **ки** мақомотҳои ваколатдор ҳангоми ба нақша гирифтани буҷети давлатӣ аз усулҳои банақшагирӣ, ҳолати воқеии сатҳи миёнаи воридотҳои андозӣ, мутобиқ намудани низоми андоз ба шарту шароити иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар истифода бурда, сатҳи эътидоли гаронии андозро ҷорӣ намуда, барои иҷрои уҳдадориҳои инфиродии андозсупоранда дар назди давлат нақша гирифта, роҳҳои канораҷӯӣ ва саркашӣ аз пардохти андозро ҷустуҷӯ кунанд;

*-исбот шудааст,* ки зарурати танзими гаронии андоз дар иқтисодиёти миллӣ вуҷуд дорад ва он бо истифода аз воситаҳои муайяшуда ва тавассути усулҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ барои ташаккули низоми самараноки андозбандӣ, инчунин аз моделсозӣ, таҳлили регрессионӣ ва тавасути ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна, роҳандозӣ мегардад;

*-асоснок карда шудааст,* ки дастгирии давлатӣ дар бахшҳои гуногун тавассути танзими гаронии андоз бо механизми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва ғайриандозӣ роҳандозӣ гардад. Татбиқи имтиёзҳо дар сохаҳои афзалиятнок ва самтҳои фаоъолияти иқтисодӣ бояд дар мувофиқа бо роҳандозии стратегияҳо ва барномаҳои даволатӣ ва соҳавӣ амалӣ карда шавад. Ҳамзамон истифодаи имтиёзҳо бо танҷими чунин усулҳо, ба монанди аз пардохти андоз пурра ва ё қисман озод намудан, пешкаши имтиёзҳо ба меъёри пардохт ва ғайра, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медароранд, истифода гардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

*-исбот карда шудааст,* ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи танзими гаронии андоз дар сатҳи кишвар аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммали комплексӣ анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои ривоҷ додани асосҳо ва ҷанбаҳои назариявӣ ва методии танзими гаронии андоз дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

***-методҳои муосир, чун*** таҷдиди илмӣ, таҳлилу хулоса, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, гурӯҳбандӣ, муқоиса ва амсоли инҳо истифода бурда шудаанд;

***- баён шудани*** равишҳои баҳодиҳии самаранокии танзими давлатии гаронии андоз ва сиёсати фискалӣ, бо назардошти таъмини афзоиши мунтазами манбаъҳои даромади андозӣ бо истифода аз моделҳои регрессионӣ, ки нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 сомонӣ афзудани ММД ба ҳар сари аҳолӣ воридоти андоз ба 1,66 млн. сомонӣ меафзояд. Раванди коҳиши ҳиссаи даромадҳои андоз дар ММД бо назардошти истифодаи васеи манбаъҳои даромадҳои ғайриандозӣ роҳандозӣ гардад. Дар оянда раванди афзудани гаронии андоз бар аҳолӣ ва паст гардидани он ба андозсупорандагони истеҳсолӣ бояд таъмин гардад;

***- ошкор карда шудааст***, ки методологияи ҳисобкунии нишондиҳандаи гаронии андоз дар сатҳи ҷаҳони ва кишвар коркард нашуда, равиши ягонаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки методологӣ вуҷуд надорад. Методикаи муаллифии ҳисоби гаронии андоз пешниҳод гардида ҳолати воқеии гаронии андоз дар кишвар инъикос гардидааст. Аз таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ ва танзими гаронии андоз, якчанд механизмҳо ва ҷузвҳои он, алалхусус аз таҷрибаи Федератсияи Россия барои истифода дар шароити Тоҷикистон пешниҳод гардид;

***- омӯзиши асосҳои назариявӣ*** ва амалии танзими гаронии андоз маълум намуд, ки таъмини мувозинати муносибатҳои андозӣ аз муносибати давлат бо субъектҳои хоҷагидор вобастагии зич дорад. Аниқ карда шуд, ки дар сатҳи мўътадил нигоҳ доштани сатҳи гаронии андоз метавонад руҳияи андозсупорандагонро болида созад ва омили пешравии сатҳи гаронии андоз дар кишвар гардад;

***- аз нав такмил додан***и низоми миллии танзими гаронии андоз бояд бо мақсади татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии кишвар, кам кардани гаронии андоз ба субъектҳои хоҷагидории истеҳсолӣ роҳандозӣ гардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф механизми такмили танзими давлатии андозро барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод намуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

***- коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар раванди таълим, таълиф ва интишори китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ-методӣ ва монографияҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаҳои №387/дс аз 10.05.2023) ва дар раванди фаъолияти кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№7416/11.1 аз 16.05.2023) истифода шудаанд;

***- муайян карда шуд***, ки ташаккули низоми миллии танзими гаронии андоз бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар бо истифодаи

имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидошта вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба эътидол даровarда мешавад ;

- ***таҳия карда шуд:*** моделҳои эконометрикӣ бо мақсади коҳишдиҳии сатҳи гаронии андоз бо назардошти омилҳои таъсиррасон, коркарди коэффисентҳои таносуби ҷуфтшуда, ки барои коркарди дурнамои даромадҳои андозӣ, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гаронииии андоз ба сари андозсупорандагон, ки нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ мебошанд, истифода мегардад;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** ташаккули низоми миллии танзими гаронии андоз бо назардошти истифодаи шаклҳои нав ва усулҳои ҳисоб намудани гаронии андоз, самтҳо ва роҳҳои инноватсионии коҳиши гаронии андоз, истифодабарии таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа бояд роҳандозӣ гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии олимони ҳориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи молия ва зершохаҳои он, инчунин андозу андозбандӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, маъмурикунонии андоз, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ самти андоз ва андозбандӣ, барномаҳои такмили маъмурикунонии андоз, бонақшагирӣ, дурнамои даромади давлатӣ ва ғайраҳо асос меебад;

- ***ғояи таҳқиқот*** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони ҳориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи молия, барномаҳои давлатии соҳаи андозбандӣ, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, маводҳои конференсияҳои сатҳҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумотхои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон асоснок шудааст;

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ-услубӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми миллии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистион бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди низоми андозбандӣ дар кишвар бо мақсади коҳиш додани сатҳи гаронии андоз бо истифода аз механизм, моделҳо ва тавсияҳои методии коркардшудаи муаллиф тасдиқ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои танзими андозии иқтисодиётро омӯхта, масъалаҳои танзими гаронии андозро коркард ва дурнамои рушди муносибатҳои андозиро таҳия намудааст. Натиҷаҳои

таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 таълифоти илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 9,88 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди дарсҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амали гардидаанд.

Дар маҷлис аз 31-уми августи соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда.

Дар овоздиҳӣ 16 нафар аъзои шуро иштирок карданд ва овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, "муқобил" - нест, "бюллетенҳои беэътибор" - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор, Узви вобастаи АМИТ** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Бобиев И.А.**

31-уми августи соли 2024